«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор ______________Раҳмон Д.С.
«_07_» _____________ соли 2024

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ).**

Мувофиқи суратмаҷлиси № 8-и ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-035 барои ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳои таърихи назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз 18.04.2024 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи унвонҷӯ Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич муассисаи пешбар таъин гардида буд.

Диссертатсияи Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар доираи нақшаи панҷсолаи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон ба иҷро расида, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ № 11, аз 05 июни соли 2024 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: 1 нафар доктори илмҳои таърих, профессор, 3 нафар н.и.т., дотсент, инчунин муаллимони калон ва унвонҷӯёни кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои таърих, профессор Абдуллоев Маҳмуд Холович омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич мавзуи мубрам буда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.**

Муҳтавои диссертатсия Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» ба ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – таърихи ватанӣ) пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ** дар он асоснок карда шудааст, ки дар давраи истиқлолият бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси яке аз ҳадафҳои стратегӣ муайян сохтани таъминсозии истиқлолияти энергетикии кишвар аҳаммияти илмии мавзуи омӯхташавандаро дучанд намуда, мубрамии онро собит месозад.

**Объекти таҳқиқро** таърихи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон ташкил ва предмети он аз раванду дараҷаи электрикунонии хоҷагии халқ ва фарҳанги ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар асри XX – оғози асри XXI иборат аст.

**Мақсаду вазифаҳои таҳқиқро** омӯхтан ва воқеъбинона таҳлил кардани маводи илмӣ-амалӣ доир ба масъалаҳои таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон, муайян кардани дараҷаи таъсири

он ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, ҳаёти фарҳангӣ маишии аҳолии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Бо мақсади таҳлилу муайянсозии боэътимоди нуктаҳои электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқӣ, дар навбати аввал ҳуҷҷатҳои бойгониҳо, маводи интишорнаёфтаи нашрияҳои илмии монографӣ, маводҳои оморӣ ва матбуоти даврӣ таҳлил карда шуданд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Ҳамаи давраҳои татбиқи нақшаи кори илмӣ, аз қабили коркарди мавзуъ, асосноккунӣ ва аҳаммияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он риоя шуданд, ва бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудаанд. Муаллиф маводи таърихи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони шуравӣ ва давраи истиқлолият муфассал таҳлил карда, дар таҳқиқи он саҳми худро гузоштааст. Доир ба мавзуи рисола муаллиф ба натиҷаҳои муайяни илмӣ расида, таклифу тавсияҳои худро баён кардааст ва мақолаҳои илмӣ нашр кардааст.

**Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, номгӯи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.**

**Дар муқаддима** мубрамӣ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, методҳо ва маводи таҳқиқ, навоварии он, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, нукоти барои дифоъ пешниҳод шаванда, коркард ва татбиқи натоиҷи таҳқиқ ва сохтори кор баён шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия - «**Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар даврони шуравӣ**», аз чор зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввали боби якум, ки «**Захираҳои обӣ-энергетикии Тоҷикистон**» таъкид карда мешавад, ки аллакай дар панҷ солаи аввал дар вазифаҳои нақшавӣ доир ба электрикунонӣ тағйироти куллӣ ба амал омад. Дар аввали солҳои 1930-лоиҳакашон тарҳрезии лоиҳаи НБО

Вахшро бо иқтидори 300 000 кВт анҷом доданд. Дар айни замон корҳои сохтмонии дар соли 1931 дар НБО Вахш оғозшуда ба сохтмони канали Вахш, заводи нуриҳои нитрогенӣ ва дигар иншооти муҳимми хоҷагии халқ такон бахшиданд.

Зербоби дуюми боби якум «**Таърихи аз худ кардани захираҳои энергетикӣ ва электрикунонии мамлакат дар давраи дигаргунсозиҳои сотсиалистӣ**» ном дорад ва дар он масъалаҳои умумии вазъи ҳаҷмҳои захираҳои обию энергетикии кишвар ва ноҳияҳои ҷанубу шарқии он дар алоҳидагӣ баррасӣ шудаанд. Ҳаҷми оби дарёҳо бо якчанд шохобҳои кӯҳӣ бо ҳаҷми умумии зиёда аз 1000 млрд. кВт/с ҳамчун захираи муҳим арзёбӣ шудааст.

Зербоби сеюми боби якум - «**Аз таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу-шарқии Тоҷикистон**», ба масъалаҳои сохтмони иншооти энергетикии ҷумҳурӣ, электрикунонии хоҷагии халқ, фарҳангу ҳаёти маишии аҳолии деҳнишини ноҳияҳои ҷанубу шарқӣ дар асри XX, ва ибтидои асри XXI бахшида шудааст. Зикр мегардад, ки ҳукумати шуравӣ дар сиёсати худ ба масъалаи электрикунонии ҳавзаҳои наздисарҳадӣ аҳамияти калон медод. Пешрафти ояндаи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳуриро дар давраи сотсиализм истифодабарии бештари захираҳои обию энергетикии Варзоб, Сирдарё, Ғунд, Вахш муайян намуд.

Дар зербоби чоруми боби якум - «**Шаклу дараҷаҳои тайёр кардани мутахассисони соҳаи энергетика**», зарурати омодасозии мутахассисони баландихтисос дар соҳаҳои энергетика дар самти истифодабарии амалӣ аз низоми инкишофи захираҳои сӯзишворию энергетикии кишвар баррасӣ карда мешавад, инчунин нақши мутахассисон-барқчиён дар электрикунонии хоҷагии халқ, фарҳангу ҳаёти маишии аҳолӣ муайян карда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Сохтмони энергетикӣ ва электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу-шарқии Тоҷикистон дар давраи истиқлол**» аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби дуюм - «**Сохтмони объектҳои энергетикӣ ва электрикунонии мамлакат дар давраи истиқлолият**»-и диссертатсия зикр мегардад, ки барои халқи тоҷик давраи истиқлолият сохтмони НБО Роғун, Сангтӯда-1, Сангтӯда-2, наздики 200 НБО миёна ва хурд ва истгоҳҳои гармидиҳанда, аз нав ҷиҳозонида шудани иншооти энергетикии фарсудашуда нақши тақдирсоз дошт.

Дар ин фасл масъалаҳои пайдоиши имкониятҳои воқеӣ барои тезонидани суръати электрикунонии минтақаи ҷанубу шарқии кишвар, аз ҷониби аҳолӣ истеъмол шудани қувваи барқ дар корҳои заҳматталаб, соҳаҳои фарҳангию маишии ҳаёти электроэнергетикӣ бо иқтидори хеле калони дар минтақаҳои сарҳадӣ қайд карда шудаанд.

Муаллиф инчунин қайд мекунад, ки дар солҳои истиқлолият Тоҷикистон ба пойгоҳи калони энергетикӣ табдил ёфт, ки дар он маблағгузории хориҷӣ васеъ истифода гардид ва ин барои пурра ривоҷ додани суръати электрикунонии ҷумҳурӣ дар маҷмуъ имконияти хуб фароҳам овард.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия **«Истифодабарии қувваи барқ дар саноат ва хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла дар ноҳияҳои ҷанубу-шарқӣ»** нақши сохтмонҳои энергетикии ноҳияҳои ҷанубу шарқии ҷумҳурӣ дар солҳои истиқлолият, аз он ҷумла НБО Роғун, НБО Сангтӯда, истгоҳҳои барқии онҳо, миқдори зиёди истгоҳҳои барқӣ дар ноҳияҳои гуногуни кишвар нишон дода шудааст, муҳим будани истифодабарии васеи онҳо дар истеҳсолот, хоҷагии деҳот, аз он ҷумла дар минтақаҳои наздисарҳадӣ, азхудкунии манбаъҳои нави маҳсулоти хом, вусъатёбии истеҳсоли маводи пурарзиш муайян карда шудааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия «**Истифодабарии қувваи барқ дар корҳои маданӣ, маишӣ, системаи маорифи ноҳияҳои ҷанубу-шарқии Тоҷикистон**» равандҳои таърихии инъикоскунандаи нақши қувваи барқ дар тағйирёбии фарҳанг ва беҳтар кардани ҳаёти аҳолӣ дар минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Нақши мусбати қувваи барқ зимни равшансозии қисмҳои ҳарбии наздисарҳадӣ ва нуқтаҳои аҳолинишин, зимни равшансозиии хонаҳои деҳқононе, ки дар натиҷаи истифодабарии чароғҳои керосинӣ бебокона аз хонаҳояшон ба кӯча, мағозаҳо мебаромаданд муассиса ва марказҳои фарҳангу маориф амал мекарданд, собит карда шуд.

**Дар хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳоди муаллиф баҳри дар оянда таҳқиқ намудани масъалаи мазкур оварда шудаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои онҳо ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Натиҷаҳои мушаххаси илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки унвонҷӯ бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ оид таърихи азхудкунӣ ва рушди соҳаи энергетикаи Тоҷикистони Ҷанубу Шарқӣ дар шакли том таҳқиқи илмӣ анҷом дода, хулосаҳои дақиқи илмӣ пешниҳод намудааст, ки аҳаммияти калон доранд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ дар доираи ихтисосҳои соҳаи илмҳои таърих ҷамъбаст гардида, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ пурра мутобиқат менамояд.

Ҳамин тавр, сохтор ва мазмуни асосии диссертатсияи Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзуи **«Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)»** мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои

номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад. Унвонҷӯ оид ба диссертатсия худ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои такризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Аммо дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо нуқсонҳои ҷузъи ба назар мерасанд:

1. Миқиёси ҷуғрофии ноҳияҳои омӯхташаванда хеле маҳдуд аст. Хуб мешуд, ки унвонҷӯ таҳлилҳои худро ақалан дар миқиёси вилояти Хатлон идома медод.

2. Дар рисола далелҳои тасдиқшавандаи раванди электрикунонии ноҳияҳои алоҳидаи ҷанубу шарқӣ кам нишон дода шудааст.

3. Нақши электрикунонӣ дар масъалаи ба дараҷаи индустриявӣ баланд бардоштани корҳои амалии хоҷагии қишлоқи ноҳияҳои таҳлилшаванда кам нишон дода шудааст.

4. Дар рисола масъалаҳои баланд бардоштани савияи маъдани равшаннамоии ноҳияҳои ҷанубу шарқии ноҳияҳои назди сарҳадӣ пурра нишон дода нашудааст.

5. Дар рисола баъзе камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасад.

Аммо эродҳои мавҷуда қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, онҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, муаллиф метавонад ҳангоми ба нашр пешниҳод намудани монография онҳоро бартараф намояд.

**Хулоса,** диссертатсия дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» ба талаботи бандҳои 31 – 35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ гардидааст, комилан мутобиқ буда, муаллифи он –

Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич – сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар аз тарафи доктори илмҳои таърих, профессор Абдуллоев Маҳмуд Холович омода гардида, дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баррасӣ ва дар маҷлиси ҳамин кафедра ҷонибдорӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Дар натиҷаи овоздиҳӣ аз – 16 нафар иштирокчиён: тарафдор – 16 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

(Суратмаҷлиси кафедра таҳти № 11, аз 05 июни соли 2024).

**Раиси ҷаласа, номзади илмҳои таърих,**
**мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба**
**номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Суфиев Садриддин Насриддинович**

**Ташхисгар,**
**доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба**
**номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Абдуллоев Маҳмуд Холович**

**Котиби ҷаласа** **Исмоилов Зафар Иброҳимович**

**Имзоҳои М.Х. Абдуллоев, С.Н. Суфиев**
**ва З.И. Исмоиловро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ** **Амиров Файзуллохуҷа Азизович**

**«06» июни 2024 с.**

Суроға: 35360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ;
тел.: (833-22) 2-35-06; 992 988622658, факс: (833-22) 2-35-06
почтаи электронӣ: info@kgu.tj, сомонаи интернетӣ: www.kgu.tj